**Тақризи**

**ба автореферати Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2021. –47 саҳ.**

Дар қисмати муқаддимавии автореферат мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, иртиботи кор бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии кор, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд, дарҷ карда шуда, дар бораи саҳми шахсии унвонҷӯ ва аҳамияти амалии таҳқиқот, апробатсия ва сохтори кори диссертатсионӣ маълумот дода шудааст.

Таҳқиқи масоили ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи Ибни Сино дар марҳилаи нави густариши афкори фалсафӣ хеле муҳим, актуалӣ ва саривақтӣ мебошад. Муаллиф низ мубрамияти онро дар қисмати аввали автореферат хеле хуб қайд кардааст. Аҳамияти таҳқиқоти рисола дар он зоҳир мегардад, ки новобаста аз пешрафти андешаҳои муосири илм ва фалсафаи ҷаҳонӣ, афкор ва осори мутафаккирони баландпоя Арасту ва Ибни Сино ҳамчун сарманшаъи ташаккулёбии ҷаҳонбинии муҳаққиқони муосир хизмат мекунад. Бо гузашти вақт насли инсонӣ боз ба таълимотҳои онҳо мурочиат намуда, он чизеро дармеёбад, ки гузаштагони онҳо ба он кам таваҷҷӯҳ додаанд ё умуман сарфи назар намудаанд (с. 3).

Калонзода Ф.И. дар автореферати худ тавонистааст заминаҳои ташаккули афкори фалсафии табиии Ибни Синоро муайян намояд, нақш ва мақоми ин заминаҳоро дар низоми фалсафии Сино баррасӣ намуда, тафовут ва умумияти таълимоти мутафаккирро аз таълимотҳои дигар, махсусан Арасту ва мактабҳои фалсафии Эрони бостон – зурвонияву даҳрия нишон додааст. Ҳамчунин дар автореферат саҳми бевоситаи Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ дар таҳия ва тарҷимаи осори фалсафии Ибни Сино аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ қайд карда мешавад, ки дар ҳақиқат ҷанбаъи таҳқиқии онро нишон медиҳад (с. 5).

Ба андешаи Калонзода Ф.И. мафҳуми “ҳаракат, фазо ва вақт” дар таълимоти мутафаккир ҳама гуна тағйирёбӣ, ҷойивазкунии ҷисм ва имтидоднокии ҷисмро муайян намуда, хосиятҳои асосии модда

мебошанд. Барои боз равшантар шудани масъалаи мазкур фаҳмиши Арасту низ оиди ин мафҳумҳо аз ҷониби муаллиф дар автоaрефераташ оварда шудааст (с. 13).

Дар автореферат дар қисмати шарҳи бобҳо ва зербобҳо таҳқиқотҳои мутафаккирони муосир тоҷик А. Баҳоваддинов ва М. Диноршоев, ки ба қавли муаллиф дуюми аз он бештар ба мавзӯи рисола тадқиқот намудааст, оиди масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти Ибни Сино оварда шудаанд ва саҳми онҳо низ дар ташаккули ғояи фалсафаи табиии Ибни Сино нишон дода шудааст (с. 15).

Муаллиф дар қисмати дигари автореферат бевосита таълимоти худи Шайхурраисро оиди ҳаракат, фазо ва вақт овардааст. Қайд мегардад, ки Ибни Сино ҳаракатро арази зотии ҷисмҳо медонист. Инчунин маънӣ дорад, ки ҳаракатро наметавон аз ҷисм ҷудо кард, зеро вай хосияти ҷудонашавандаи ҷисм аст. Тасаввуроти файласуф доир ба он ки ҳаракат ҳамчун тағйироти ҳоли ҷисм аз қувва ба феъл гузаштани он аст, дурустии ин натиҷагириро собит мекунад. Ҳамчунин Ибни Сино фазоро дар интиқол матраҳ менамояд, ки он табдили дурӣ ва наздикӣ аст. Ҳар як интиқол чизи интиқолёфта (ҷисм ё сатҳу хат фарқе надорад) бояд фазои худро дошта, макони нуқта хоҳад буд. Дар осори Ибни Сино мафҳуми “вақт” бо “замон” ишора шуда, ба андешаи Ибни Сино вақт пайдо шуда наметавонад, зеро ҳаракат низ пайдо нашудааст. Ҳаракат аз лаҳзаҳо иборат аст, ки ҳар лаҳза дар байни оянда ва гузашта қарор дорад, ва “он” на ба гузашта ва на оянда мансуб буда наметавонад (с. 16-18).

Дар автореферат муаллиф, асосан такя ба осори худи мутафаккир намуда, зикр менамояд, ки дар ҳар як асари Ибни Сино бахши алоҳидаи “Табииёт” мавҷуд аст ва ин бахшҳо фарогири мазмуни фалсафаи табиии Ибни Синоро баён мекунанд. Махсусан, масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар ин бахшҳо дар ҳамбастагӣ баён меёбанд, зеро он бо ҳамдигар алоқаи ногусастани дошта, сифатҳои асосии моддаро ташкил медиҳанд.

Умуман, автореферат эҷодкорона навишта шуда, мазмун ва мӯҳтавои ҳар як масъалаи матраҳгардида, дар сатҳи зарурии илмиву фалсафӣ таҳлил шудаанд. Дар кор мустақилияти фикрӣ ва таҳлилу андешаронии хоси муаллиф равшан мушоҳида мешавад.

Аз автореферат чунин бар меояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб фарогири панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, ҷанбаъи муҳими илмӣ дошта, мантиқан асосноку дуруст буда, мақсадҳои гузошташуда дар дараҷаи кофӣ натиҷагирӣ гардиданд ва вижагиҳои таҳқиқоти гузаронидаи муаллифро инъикос мекунанд.

Сарфи назар аз дастоварду муваффақиятҳои илмӣ дар шарҳу тавсифи мавзӯъҳои матраҳгардидаи автореферат баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки бештар хислати техникӣ ва услубӣ доранд. Аммо, дар умум ба мазмуни асосии он ва ҳадафҳои гузошташуда, аҳамияти илмии рисола таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Аз ҳама муҳим ин, ки дар автореферат ҳадафи таҳқиқот дуруст муайян шуда, муаллиф ба натиҷаҳои таҳқиқоти худ ноил гардидааст.

Диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор аст.

**Муқарриз,**
**Сардори шуъбаи ташкил ва**
**банақшагирии илм ва инноватсияи**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш.Шоҳтемур**
**н.и.ф., дотсент** **Комилов Д.Р.**
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
Телефон: +992980060101
E-mail: www.daler.komilzoda@gmail.com

Имзои н.и.ф., Комилов Д.Р.-ро
Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ ба
номи Ш.Шоҳтемур Тағоева М.А.